**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ дар мавзуи "Истикрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони Истиқлолият (солҳои 1991-2021)"**

Автореферати диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович ба омӯзиши ҳамаҷониба ва дақиқи вазъияти муосир, ҳамчунин дурнамои рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои байни Тоҷикистон ва Хитой дар даврони Истиқлолият (солҳои 1991-2021) бахшида шудааст. Ин мавзуи таҳқиқотӣ дар шароити ҳозираи пур аз тағйироти геополитикӣ, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва дигаргуниҳои байналмилалӣ аҳаммияти хоси илмӣ ва амалӣ касб намудааст, зеро ҳамкориҳои байни Тоҷикистон ва Хитой на танҳо ба пешрафти иқтисодӣ ва устувории сиёсӣ мусоидат менамоянд, инчунин дар таҳкими амнияти минтақавӣ, ҳифзи суботи ҷамъиятӣ ва ҳамгироии фарҳангӣ, ки барои ҳар ду кишвар муҳим аст, нақши муассир мебозанд. Дар ин замина, омӯзиши чунин робитаҳо имкон медиҳад, ки самтҳои ояндаи ҳамкориҳо муайян ва такмил карда шаванд.

**Мавзуи таҳқиқот аз ҷиҳати мубрамият** ва аҳаммияти худ дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ ҷойгоҳи хос дорад, зеро ҳамкориҳои байни Тоҷикистон ва Хитой дар солҳои охир ба марҳилаи нави сифатӣ ва ҳамаҷониба ворид шудаанд, ки ин равандҳо бо тағйиротҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ робитаи зич доранд. Муаллиф ба таври ҳамаҷониба ва муфассал самтҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ ва гуманитариро таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки чӣ гуна тағйиротҳои муҳим дар сиёсати хориҷии Хитой, аз ҷумла вобаста ба масоили мазкур муайян намудани самти афзалиятноки сиёсати хориҷӣ ва дарёфти шарикони боэътимод, ҷиҳати даст ёфтан ба манфиатҳои мутақобила масъалаи муҳимми сиёсати хориҷии Тоҷикистон низ ба ҳисоб меравад.

**Навгониҳои илмӣ** ва навовариҳои ин кор дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсия барои аввалин бор равандҳои муосири ҳамкориҳо, аз ҷумла барои дарки ҳамаҷонибаи равандҳои ташаккул ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистону Хитой дар давраи аз соли 1991 то 2021 бо таваҷҷӯҳ ба ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию башардӯстона асоснок гардида, далелҳои мӯътамадро баррасӣ ва таҳлил намудааст. Инчунин, муаллиф дурнамои ояндаи ҳамкориҳоро бо пешниҳоди тавсияҳои амалӣ ва мушаххас, ки метавонанд дар амалияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва

ҳамкориҳои байналмилалӣ татбиқ шаванд, равшан ва муайян месозад, ки ин барои сиёсатмадорон, дипломатҳо ва муҳаққиқони соҳа арзиши баланд ва амалӣ дорад.

Таҳқиқот бар пояи усулҳои муосири таърихӣ, усулҳои муқоисавӣ ва системавӣ, ки дар илмҳои таърих ва муносибатҳои байналмилалӣ васеъ истифода мешаванд, гузаронида шудааст. Муаллиф аз назарияҳои асосии илмҳои сиёсӣ ва дипломатӣ, миёни Тоҷикистон ва Хитой дар марҳалаи пасошӯравӣ баррасӣ гардид, ки барои фаҳмиши амиқи муносибатҳои давлатҳо муҳиманд, истифода бурда, заминаҳои назариявиро мустаҳкам ва ҳамаҷониба намудааст.

**Пойгоҳи манбаъҳо ва сарчашмаҳои** истифодашуда васеъ, гуногун ва мӯътамад аст: инҳо аснодҳои расмии ҳар ду кишвар, аз қабили Конститутсияҳо, созишномаҳои байналмилалӣ, протоколҳои ҳамкориҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои давлатӣ; маводи бойгониҳои вазоратҳои хориҷӣ ва дигар ниҳодҳои марбут; мақолаҳои матбуоти даврӣ ва нашрияҳои илмӣ; ҳамчунин осори муҳаққиқони маъруфи тоҷик ба монанди Назаров Т.Н., Сатторзода А., Олимов Р.Қ., Саидзода З.Ш., ва Нуриддинов Р.Ш. муҳаққиқони Хитойи ба монанди Тзян Тземин, Ху Тзинтао ва муҳаққиқони рус ба монанди А. Семенов, Д.С. Попов, Ю. Морозов ва дигаронро дар бар мегирад.

Автореферати мазкур мазмун ва муҳтавои мухтасар, вале ҳамаҷонибаи муқаддима, се боб (шаш зербоб ва зерфаслҳои марбут) ва хулосаи диссертатсияи довталабро дар бар мегирад, ки ин тартиб барои фаҳмиши мукаммали кор мусоидат менамояд.

Боби аввал ба ҳамкориҳои сиёсӣ-дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой ва ҳодисаҳои марбут ба он бахшида шудааст, ки дар он тағйиротҳои бунёдии сиёсати хориҷии Хитой, аз ҷумла гузаришҳо ба самтҳои нав ва таъсири онҳо ба муносибатҳои ҳамаҷониба бо Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа бо тафсилоти дақиқ ва мисолҳои мушаххас таҳлил карда мешаванд.

Боби дуюм бошад, вазъи иқтисодии кишварро баъд аз касби истиқлолият, мушкилоти солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, ислоҳоти иқтисодӣ ва рушди онро инъикос менамояд. Баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвар коҳиши нишондодҳои иқтисоди миллӣ боздошта шуд. Минбаъд ба Ҳукумат муяссар гардид, ки сол то сол вазъиятро ба эътидол оварда аз соли 2000 рушди тадриҷии иқтисоди миллиро оғоз намояд.

Боби сеюм бошад, ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистон ва Хитой дар соҳаҳои маориф, фарҳанг ва дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва

минтақавӣ ном гирифтааст. Дар он ҳамкориҳои гуманитарии ҷонибҳо дар стаҳи дуҷониба ва бисёрҷониба таҳлил гаштаанд. Дар ин самт, теъдоди зиёди созишномаҳои байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ баста шудаанд. Гузаронидани Рӯзҳо ва Ҳафтаҳои фарҳангӣ, ташкили намоишҳои синамогарон, аксу наворҳо ва санъати расомӣ, сафарҳои мутақобилаи фаъолони фарҳанг ва санъат ба ҳукми анъана даромадааст.

Автореферат ва диссертатсия ба талаботҳои илмӣ, меъёрҳои муайяншуда ҷавобгӯ буда, мавзуъро ҳамаҷониба, бо навгониҳои илмӣ ва таҳлилҳои амиқ омӯхтааст. Ин кор барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ комилан тавсия карда мешавад, зеро он на танҳо ба илм саҳм мегузорад, балки барои амалияи сиёсати хориҷӣ низ арзишманд аст..

Муқарриз:

номзади илмҳои таърих,
мудири кафедраи таърихи
халқи тоҷики Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ Суфиев С.Н.

Суроғаи расмӣ:
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16
Тел.: (+83322) 2-35-06
Почтаи электронӣ: inafo@kgu.tj.

Имзои Суфиев С.Н. –ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ Давлатов М.А.

07.10.2025